ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш.ШОҲТЕМУР

ФАКУЛТЕТИ АГРОБИЗНЕС

# ДАСТУР ОИД БА НИГОҲДОРИИ МЕВАЮ САБЗАВОТ



ДУШАНБЕ–2020

**Аҳамияти меваю сабзавот дар ғизои инсон.** Меваю сабзавот ва картошка қисми ҳатмӣ ва зарурии ғизо ба шумор мераванд. Мувофиқи тавсияномаи олимони Институти илмии ғизо ва мутахассисони Вазорати тандурустӣ инсон дар давоми як сол вобаста аз сину сол ва намуди фаъолияташ бояд, ки наздики 80 кг картошка, 122 кг сабзавот, 31-50 кг полезиҳо ва 90…106 кг меваҷот истеъмол намояд. Дар байни меваҷот афзалияти асосӣ ба себ, ангур, меваҷоти ситрусӣ ва дар байни сабзавот афзалият ба карам, сабзӣ, помидор ва бодиринг дода шудааст.

Меваҷот, сабзавот ва буттамевагиҳо сарчашмаи асосии таъмин намудани организм бо витаминҳо, бахусус витамини С, Р, туршии фолиевӣ, А, Е ва моддаҳои минералӣ ба шумор мераванд. Вобаста ба серобии таркибашон меваю сабзавот шароити хосаи нигоҳдориро талаб менамоянд, ки аз ҳарорати наздики 0⁰С ва намнокии нисбии баланд иборат аст. Дар мавриди нигоҳдории баъзе намуди маҳсулот бо муҳити танзимшавандаи газӣ таркиби газии муҳит низ тағйир дода мешавад.



**Речаи нигоҳдории меваю сабзавоти алоҳида**



**Картошка.** Речаи нигоҳдории картошка аз 4 давра иборат аст: 1.Давраи табобатӣ (ҳарорати 18…20⁰С, намнокии нисбии ҳаво 90-95%, расиши озоди оксиген, шамолдиҳӣ 5-6маротиба дар 1 шабонарӯз бо фосилаи 3-4 соат, давомнокӣ 14-21 рӯз); 2.Давраи сардкунӣ (бо суръати 0,5…1⁰С, 15 - 20 то 40 рӯз); 3.Давраи асосӣ (барои картошкаи тухмӣ ҳарорати 2…4⁰С, картошкаи озуқаворӣ 2…6⁰С ва картошкаи техникӣ 6…10⁰ С, шамолдиҳии даврагӣ 2–3 маротиба дар як ҳафта, давомнокии давра аз 3 то 8 моҳ); 4.Давраи баҳорӣ (ҳарорати 1,5…2⁰С ва истифодаи баъзе маводҳои химиявӣ барои пешгирӣ намудани сабзиши картошкаи тухмӣ ба роҳ монда мешавад). Пеш аз ба фурӯш баровардани картошкаи озуқаворӣ лундаҳо дар ҳарорати 10…12⁰С дар давоми 3-4 шабонарӯз коркард карда, баъдан ба навъҳо ҷудо намуда, боз сард мекунанд.



**Сабзӣ.** Ғунучини сабзӣ то фаворасии хунукиҳои сахт гузаронида мешавад, яъне дар шароити Тоҷикистони Марказӣ он ба охирҳои моҳи ноябр ва аввали декабр рост меояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерини сабзӣ парвариш карда мешавад: Артек, Мирзои сурх-228, Мирзоии зард-304, Мушаки Сурх, Нантская-4 ва ғайра. Речаи нигоҳдории сабзӣ низ аз 4 давра иборат аст: давраи табобатӣ (ҳарорат 10…12⁰С, намнокии нисбии ҳаво 90-95%, шамолдиҳии даврагӣ, давомноки то 10 шабонарӯз), сардкунӣ (суръати сардкунӣ 0,5…1,0⁰С, давомнокӣ 10-15 рӯз), асосӣ (ҳарорат 0…1,0⁰С, намнокии нисбии ҳаво 90-98%) ва баҳорӣ (пеш аз ба фурӯш баровардани бехмевагиҳоро бо мақсади пешгирии захмёбӣ якчанд рӯз дар ҳарорати то ҳарорати 10⁰С, нигоҳ дошта баъдан коркарди молӣ мегузаронанд). Бомувафақият нигоҳдорӣ шудани

сабзӣ аз сифати бехмеваи сабзии ба нигоҳдорӣ гузошта вобаста аст. Дар ҳоли ғунучини барвақти сабзӣ пажмурдашавӣ, ба касалиҳо дучоршавӣ ва пӯсиши бехмевагиҳо зиёдтар дида мешавад. Инчунин, ба нигоҳдории давомноки сабзӣ ташкили шароитҳои нигоҳдорӣ таъсири беандоза мерасонад. Ҳарорати мусоиди нигоҳдорӣ барои бехмеваи сабзӣ дар давраи асосӣ, ки бо мақсади озуқаворӣ нигоҳ дошта мешавад, аз 0 то +1⁰С ҳисобида мешавад. Пасту баландшавии ҳарорат то 0,5⁰С нигоҳдории онро халалдор намесозад. Аз 0⁰С паст шудани ҳарорат бехмеваҳоро зарар дода, ҳарорати баландии нигоҳдорӣ боиси талафёбии вазн ва инкишофёбии микроорганизмҳо мешавад. Баъзан дар байни аҳолӣ таҷрибаи нигоҳдории сабзӣ бо қабати реги намнок ва пеш аз ба нигоҳдорӣ гузоштан бо лойобa ғутониани сабзӣ, бо мақсади паст кардани талафотҳои вазнӣ истифода мегардад.



**Карам.** Реҷаи нигоҳдории карам ба давраи сардкунӣ, ки дар он бо суръати 0,5…1,0⁰С дар як шабонарӯз, мавриди сарфи ҳаво 100-150м³/с/т. тӯдаи маҳсулот шамол дода мешавад ва давраи асосӣ, ки ҳарорати зарурӣ -1,0…0⁰С, намнокии нисбии ҳаво 90-98% мусоид мебошад, ҷудо карда шудааст. Муҳлати нигоҳдории карам вобаста ба навъҳо аз 2 то 8 моҳ шуда метавонад. Каллакарамҳои модарӣ дар давраи асосӣ бо ҳарорати 1…2⁰С нигоҳ дошта мешаванд.



**Бехпиёз.** Реҷаи нигоҳдории бехпиёз ба 4 давра тақсим мешавад: 1.Давраи тайёркунӣ: аз хушконидан ва гармкунӣ иборат буда, бо мақсади пешгирӣ намудани пӯсиши гарданак гузаронида шуда, тӯда бо ҳарорати 42…45⁰С ба муддати 1-3 рӯз коркард карда мешавад; 2.Давраи сардкунӣ - вобаста ба реҷаи интихобгардида (гарм ё сард) то ҳарорати зарурӣ тӯдаи маҳсулот сард карда мешавад; 3.Давраи асосӣ: ҳарорат дар давраи асосӣ: -3…1⁰С, намнокии нисбии ҳаво 70 – 75% ва ҳангоми реҷаи гарм 18…22⁰С ва намнокии 60-70% ҷорӣ карда мешавад; 4.Давраи баҳорӣ - бехпиёзи модариро дар ҳарорати 18…25⁰С дар давоми 15-25 шабонарӯз нигоҳ дошта, ба кишт тайёр менамоянд.



**Сирпиёз.** Реҷаи нигоҳдории сирпиёз ба бехпиёз монанд аст. Бо мақсади кам кардани талафоти вазн ва сифат баъзан сирпиёзро пеш аз нигоҳдорӣ гузоштан бо парафин коркард намуда, дар ҳарорати -3… 1⁰С нигоҳ медоранд.

**Каду.** Каду дар байни зироатҳои полезӣ нисбатан нигоҳдошташавандагии хубро соҳиб мебошад. Ҳарорати нигоҳдорӣ каду 6…8⁰С ва намнокии нисбии ҳаво 70-75% мусоид аст. Дар шароити хона низ дар ҳарорати 14…20⁰С ба нигоҳдории он халали ҷиддӣ намерасонад. Давомнокии нигоҳдории каду вобаста ба навъҳо аз 4 то 6 моҳро дарбар мегирад.





**Себ.** Навъҳои дерпази себ ба муддати 6 – 8 моҳ ва зиёда аз ин бо ташкил намудани шароити мусоид нигоҳдорӣ кардан мункин аст. Навъҳои дорои меваҷоти ба сармо тобовар ҳангоми ҳарорат дар ҳуҷраҳо аз 0 то -2 $^0$С будан беҳтар нигоҳ дошта мешаванд. Ба ин гурӯҳ навъҳои Розмарини сафед, Кандил синап, Сари синап, Делишес, Пепини шафранӣ, Бойкен, Голден Делишес мансуб мебошанд. Ҳатто мавриди ҳароратҳои начандон баланди мусбӣ меваҳои ин навъҳо пажмурда гашта, зуд пухта расида аз загар осеб мебинанд. Меваҳои чунин навҳои себ: Ренети Симиренко, Банани зимистона, Кальвили барфӣ ҳам дар ҳароратҳои паст ва ҳам дар ҳароратҳои баланд хуб нигоҳ дошта мешаванд. Гурӯҳи навъҳои меваашон ба сармо тобовар набудаи себ низ мавҷуд ҳастанд, ки ҳатто онҳо ҳангоми ҳароратҳои мусбӣ, аммо наздик ба 0 $^0$С аз касалиҳои гуногун осеб меёбанд, аз ҷумла Антоновкаи мукаррарӣ, Пармени зимистонаи тиллоӣ, Ренети шампанӣ. Дар умум реҷаи нигоҳдориии себ ҳарорати -2…4$^0$С-ро дар бар мегирад.

**Нок.** Технологияи нигоҳдории нок ба себ наздик буда, меваҳоро дар оғози дараҷаи пухтарасӣ, вақте ки меваҳо ба худ андоза ва ранги барои навъ хосро доро буда, аммо дилакашон ҳануз сахт аст ба нигоҳдорӣ ҷойгир менамоянд. Ҳарорати нигоҳдории нокҳо аз –1 то +2 $^0$С ва намнокии нисбии ҳаво 90…95% мусоид дониста мешавад. Мӯҳлати нигоҳдории нокҳои дерпаз 5-6 моҳ мешавад.





**Ангур.** Нигоҳдошташавандагии ангур аз навъҳои он вобаста буда, навъҳои хурданбоби он дар реҷаи оптималӣ бо ҳарорати -0,5…2$^0$С ва намнокии 90-95% ба муддати 6-7 моҳ нигоҳдорӣ мегарданд. Барои нигоҳдорӣ навъҳои Шабаш, Нимранг, Кишмиши гулобӣ, Тоифии гулобӣ, Агадай ва ғайра мувофиқанд. Ҳангоми нигоҳдории ангури хурданбоб истифодаи таблеткаи метабисулфати калий (МТБК, 1,5-2кг/т тавсия мешавад.

**Лиму.** Лимӯ дорои қобилияти пухтарасии баъдиҷамъовариро дорад. Ба ҷамъоварии меваҳо дар мавриди пухтарасии ҷудошаванда, вақте ки андозаи онҳо ба бузургиҳо ва ранги пӯсташон ба ранги пӯсти навъи додашуда монанд аст, ба худ лаззати баландро мегирад, оғоз менамоянд (ноябр-декабр). Давомнокии нигоҳдррии лимӯ аз дараҷаи пухтарасии онҳо вобастагӣ дорад. Меваҳо баъди ҷамъоварӣ ба навъҳо ва андозаҳо ҷудо карда мешаванд. Баъзан бе истифодаи қоғаз ва дар баъзе мавридҳо онҳо дар қоғази тунуки папиросӣ печонида шуда, дар қуттиҳои чубӣ ё картонии ғунҷоишашон 15-25 кг бо усули ростхата ё диагналӣ ҷойгир карда мешаванд. Лимуҳои сабз бо ҳарорати 6-8$^0$С, нимзард 3-5$^0$С ва зард 2-3$^0$С нигоҳ дошта мешаванд.

